**Суратмаҷлиси № 65-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 20-уми июни соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 11 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Ёрова Сабоҳат Нуровна** дар мавзуи **«Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ **Раҷабов Ҳабибулло**) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудов Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Сироҷиддини Эмомалӣ маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Ёрова Сабоҳат Нуровна ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Раҳмонов Равшан Қаҳҳорович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ.

– **Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ;

– **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ — Сироҷиддини Эмомалӣ